# ҚАРОРИ
## ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 20 феврали соли 2021, №63 ш. Душанбе

Шӯрои диссертатсионии **6D.KOA-004** тадқиқоти диссертатсионии Султонзода Исо Муҳаммадро дар мавзӯи: «Асосҳои назариявии танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **Обидов Ф.С.),** тақризи муассисаи тақриздиҳанда (Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон), тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор **Мирсаидов А.Б.,** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент **Сафоев А.К.**, баромади аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои иқтисодӣ, профессорон Шерова Н.Д., Файзуллоев М.Қ. ва Султонов З.С-ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод. Шӯрои диссертатсионии **6D.KOA-004 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулоса, ки аз ҷониби Шӯро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳамият ва натиҷаҳои диссертатсияи** Султонзода Исо Муҳаммад **ва оид ба интишороти ӯ қарор қабул намуд.**

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Султонзода Исо Муҳаммад дар мавзӯи: «Асосҳои назариявии танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт, пешкаш гардидааст, ба меъёрҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯй мебошад.
2. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои чопгардида дар сатҳи кофӣ ва зарурӣ, мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд;
3. Ба Султонзода Исо Муҳаммад дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт дода шавад.

4. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Султонзода Исо Муҳаммадро бо дипломи доктори фалсафа (PhD) сарфароз гардонад.

Муҳтарам аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ, кӣ ҷонибдори қабул шудани қарори ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ ҳаст, хоҳиш мекунам овоз диҳед.

Овоздиҳӣ: тарафдор 18 нафар, муқоил - нест, бетараф – нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шӯро: иҷозат диҳед унвонҷӯро барои бомуваффақият ҳимоя намудани диссертатсияаш табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои Шӯро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям.

Дар ҳамин ҷо, ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ пӯшида эълон карда мешавад.

***Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,***
***доктори илмҳои иқтисодӣ,***
***профессор*** ***Ҳ.Р. Исайнов***

***Котиби илмии Шӯрои***
***диссертатсионӣ, номзади илмҳои***
***иқтисодӣ, дотсент*** ***М.А. Саидмуродова***

***20 феврали соли 2021***